# Бо мақсади риояи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе санҷиш гузаронида шуд

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 22 Май, 2025 - 19:50
[1]

Бо мақсади амалӣ намудани бандҳои «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» ва доир ба амалисозии Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 «Дар бораи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобати забони тоҷикӣ« ҷиҳати бо назардошти риояи қатъии қоидаҳои имло ва аломатҳои китобат Кормандони Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таълимии ноҳияи Исмоили Сомонӣ ва ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе санҷиш гузаронидонд.
Масъулони Кумита зимни санҷиш наврасону ҷавононро барои арҷгузорӣ ба забон ва эҳтиром ба ин муқаддасоти олиамон даъват карда, иброз намуданд, ки забони тоҷикӣ на танҳо воситаи муошират, балки оинаи таърих, фарҳанг ва ҳувияти миллии мост. Ин забон, ки аз умқи асрҳо то ба имрӯз расидааст, ганҷинаи бебаҳои маънавӣ ва фарҳангии миллати тоҷик аст.
Ёдовар мешавем, ки Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» яке аз барномаҳои муҳимми ҷумҳурӣ доир ба сиёсати забон ба ҳисоб рафта, баҳри амалисозии он вазорату идораҳои гуногун, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, донишгоҳу донишкадаҳои олии мамлакат, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва ғайра вазифадор карда шудаанд.
Қабул ва тасдиқи Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 аз таваҷҷуҳи хоссаи роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минбаъдаи забони тоҷикӣ далолат мекунад. Зеро забони тоҷикӣ дар марҳилаи нави муносибатҳои иҷтимоӣ дар мақоми забони давлатӣ дар таҳкими давлату давлатдории миллӣ ва таъмини рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ нақши муҳим дорад.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Ҳоло баҳо надорад

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

[3]

-

[4]

- 

[5]

- 

[6]

-

**Манбаъ::**https://www.kumitaizabon.tj/tg/content/bo-maksadi-rioyai-koidakhoi-imloi-zaboni-tochiki-dar-muassisakhoi-talimii-shakhri-dushanbe?mini=2026-04&page=11

**Пайвандҳо**
[1] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/499669846_122156684960462396_8532861223274594788_n.jpg [2] https://www.kumitaizabon.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/499545784_122156685002462396_4367123141432554494_n.jpg [4] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/499572062_122156685044462396_6745425054831266076_n.jpg [5] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/499669846_122156684960462396_8532861223274594788_n.jpg [6] https://www.kumitaizabon.tj/sites/default/files/gallery/499942078_122156684918462396_4694428729646715494_n.jpg